*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 123 (4706) | ДУШАНБЕ, 9 ОКТЯБРИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## СУҲБАТИ ТЕЛЕФОНӢ

**7-уми октябри соли 2023 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Федератсияи Россия муҳтарам Владимир Путин суҳбати телефонӣ анҷом доданд.**

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Президенти Россия Владимир Путинро ба муносибати зодрӯзаш аз сидқи дил табрик намуда, таманниёти беҳтарини худро иброз доштанд. Пешвои миллат дар баробари таъкиди саҳми арзишманди Владимир Путин дар ростои тақвияти мавқеи Федератсияи Россия дар арсаи байналмилалӣ, аз нақши созандаи ӯ дар густаришу таҳкими муносибатҳои дӯстӣ, шарикии стратегӣ ва ҳампаймонии ҳар ду кишвар ёдовар шуданд.

Сарони ҳар ду кишвар зимни баррасии масъалаҳои алоҳидаи ҳамкориҳои гуногунҷанба аз идомаи муколамаи байнидавлатӣ, барои рушди минбаъдаи ин раванд ҷонибдорӣ намуданд.

Дар ҷараёни суҳбат, ҳамчунин, оид ба масъалаҳои мубрами рӯзномаи байналмилалӣ ва минтақавӣ табодули назар сурат гирифт.

**www.prezident.tj**

## СУҲБАТИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БО МАНУЭЛ МИКАЛЛЕР



**6-уми октябри соли 2023 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ сафири фавқулода ва мухтори Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Мануэл Микаллеро ба ҳузур пазируфтанд.**

Дар оғози суҳбат Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ҷаноби Мануэл Микаллерро ба муносибати сафири фавқулода ва мухтори Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардидан ва оғози рисолати дипломатии ӯ дар кишвар табрик намуданд.

Ҷонибҳо аз раванди густариши равобити дӯстона ва ҳамкории байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико изҳори қаноатмандӣ намуданд. Зикр гардид, ки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар қатори аввалинҳо истиқлолият ва соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистонро эътироф намудааст. Тайи беш аз сӣ соли барқарории муносибатҳои дипломатӣ байни кишварҳо муколамаҳои мунтазами роҳбарони ҳар ду давлат ва машваратҳои сиёсӣ дар қолабҳои гуногун барои тақвияти муносибатҳои дуҷониба мусоидат намудаанд.

Дар ин раванд, ҳамкории байнипарламентӣ ҷузъи муҳими муносибатҳои дуҷониба ба шумор рафта, ҷонибҳо ҳавасмандии худро баҳри густариши минбаъдаи робитаҳои байнипарламентӣ изҳор намуданд.

Дар рафти мулоқот вазъи ҳамкориҳои ҳар ду кишвар дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла сиёсӣ, амниятӣ, иқтисодӣ ва фарҳангию гуманитарӣ ва дигар бахшҳои мавриди манфиати тарафайн баррасӣ карда шуда, барои тавсеаи минбаъдаи ҳамкорӣ дар бахшҳои гуногуни иқтисод, энергетика, равобити фарҳангию гуманитарӣ, бахусус, сайёҳӣ, мубодилаи афкор сурат гирифт. Ҷонибҳо, ҳамчунин, масоили амнияту субот дар минтақа ва ҷаҳон, аз ҷумла вазъ дар Афғонистонро баррасӣ намуданд.

**www.majmilli.tj**

## МУЛОҚОТИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БО СУЛТОН ИБНИ АБДУРРАҲМОН АЛ-МАРШАД



**6-уми октябри соли 2023 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо раиси иҷроияи Фонди саудии рушд Султон ибни Абдурраҳмон Ал-Маршад мулоқот намуданд.**

Зимни мулоқот изҳор гардид, ки Шоҳигарии Арабистони Саудӣ яке аз муҳимтарин шарикони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаҳони араб ва ислом ба ҳисоб меравад.

Аз нақши Фонди саудии рушд дар раванди татбиқи лоиҳаҳои рушд ва барномаҳои иҷтимоӣ дар бахшҳои инфрасохтори нақлиёт, тандурустӣ ва маориф дар Тоҷикистон изҳори қаноатмандӣ карда, қайд гардид, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон омодагии ҷониби Арабистони Саудиро тавассути Фонди саудии рушд барои тақвияти робитаҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ, аз ҷумла барои иштирок дар маблағгузории лоиҳаи стратегии Тоҷикистон - Неругоҳи барқи обии «Роғун» баланд арзёбӣ менамояд.

Ҷонибҳо оид ба татбиқи лоиҳаҳои инфрасохторӣ ва сармоягузорӣ дар шаҳри Душанбе ҳавасмандии хешро иброз намуданд. Дар ҷараёни мулоқот дигар масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн баррасӣ гардиданд.

**www.majmilli.tj**

## ДАР ШӮРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Нуҳуми октябри соли 2023 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**



Дар он масъалаҳо «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ихтироъ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар хусуси Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Аълоҳазрат Султони Бруней Доруссалом дар бораи канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирии напардохтани андоз аз даромад ва молу мулк» мавриди баррасӣ қарор гирифта, пас аз шарҳу тавзеҳи онҳо аз ҷониби раисони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Сумангул Тағойзода, оид ба молия иқтисод Маҳмадалӣ Қурбонзода, оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Насиба Содиқӣ ва оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Равшан Раҷабзода ба баррасии ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардиданд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» қарор қабул кард.

**«Садои мардум»**

## МУҚОВИМАТ БО ИФРОТГАРОЙӢ БАРРАСӢ ГАРДИД

**6-уми октябри соли 2023 раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Равшан Раҷабзода ва раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Рустам Шоҳмурод бо мушовири миллии Барномаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба таҳлили қонунгузорӣ дар соҳаи мубориза бо ифротгаройӣ Лариса Александрова мулоқот намуданд.**



Дар мулоқот раванди татбиқи «Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» мавриди баррасӣ қарор гирифт. Ҷонибҳо, ҳамчунин, оид ба таҳкими ҳамбастагии иҷтимоӣ ва пешбурди ҳуқуқҳои занон ва мардони ҷавон, ки аз радикализм осебпазиранд, мубодилаи афкор намуданд.

Дар мулоқот, ҳамчунин, мудири шуъбаи Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Нарзулло Маҳмудов иштирок ва суханронӣ намуд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# АҲАМИЯТИ КОНСЕПСИЯИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ҲИФЗИ ДАСТОВАРДҲОИ ДАВРОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ

**Таърих гувоҳ аст, ки аввалин давлатҳо дар охири ҳазораи чорум ва аввали ҳазораи сеюми пеш аз милод ба вуҷуд омада, тӯли давраи муайян арзи ҳастӣ намудаанд ва бо таъсири омилҳои гуногун ё аз байн рафтаанд ва ё дар шаклу сохти дигар боз арзи ҳастӣ намудаанд.**

Агар дар ибтидои ҳазорсолаи дуюм давлати Сомониён аз майдони сиёсат берун шуда бошад, дар охири ҳазорсола, яъне дар охири асри XX, тақдир ба миллати тоҷик бори дигар имкон дод, ки соҳиби истиқлолияти давлатӣ гардад.

Таърихи навини башарият, хусусан, пас аз итмоми Ҷанги дуюми ҷаҳон ва дар арсаи сиёсати байналмилалӣ ташкил ёфтани Созмони Милали Муттаҳид, ба



Комрон ИСМОИЛИЁН,
узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия

халқиятҳо имконияти худмуайянкуниро дод. Дар асоси Оинномаи СММ ва Эъломияи ин созмон оид ба ҳуқуқҳои мардуми бумӣ халқиятҳо ҳуқуқи озодона муайян намудани мақоми сиёсӣ ва рушди имкониятҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии хеш, яъне ҳуқуқи ташкил намудани давлати миллии худро ба даст овардаанд.

Таҷрибаи башарӣ собит месозад, ки озодӣ ва истиқлолият ба осонӣ ба даст намеояд. Мо миллатҳо ва халқҳои зиёдеро медонем, ки дар гузаштаи на он қадар дур барои дастёбӣ ба истиқлолият даҳсолаҳо пайкор намудаанд ва дар ин роҳ ҳазорон фарзандони огоҳ ва азизи худро аз даст додаанд. Мо имрӯз низ шоҳиди талошҳои озодихоҳонаи халқҳое мебошем, ки даҳҳо миллион нафар аҳолӣ доранд, аммо давлат надоранд. Ҳамагон хуб медонанд, ки айни ҳол дар ҷаҳон беш аз 2000 халқиятҳо мавҷуданд, вале танҳо 192 давлат аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф шудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо гузаштан аз марҳилаи аввали пас аз истиқлол, ки даврони ба эътидол овардани вазъият ва таҳкими пояҳои давлатдорӣ буд, дарҳои худро ба рӯи кишварҳои олам боз кард ва бо эъломи «сиёсати дарҳои кушод» равобити байналмилалиро бахри муаррифии Тоҷикистон дар ҷаҳон ва ҷалби сармояи хориҷӣ барои бозсозии кишвар оғоз намуд. Имрӯз мо самараи чунин робитаи гуногунсамту гуногунҷанбаро дар арсаҳои гуногун мебинем. Ин сиёсат боис шуд, то кишвари мо на танҳо мақом ва нуфузи худро дар арсаи байналмилалӣ қавитар созад, балки бо ёфтани равиши хоси дипломатияи худ, дар ҳалли масоили минтақавӣ ва ҷаҳонӣ фаъолона иштирок намояд. Тоҷикистон бар асари талошҳои муассир ва масъалагузориҳои мантиқию сариваҳтии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имрӯз дар арсаи байналмилалӣ чун кишвари фаъолу ташаббускор шинохта шудааст.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ он давлат муваффақ мегардад, ки бо назардошти манфиатҳои миллӣ, сиёсати дохилию хориҷии худро воқеъбинона ва дурандешона роҳандозӣ намояд. Бинобар ин, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми январи соли 2015 таҳти рақами 332 Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шуда, ҳамчун санади сиёсӣ принсипҳои асосӣ, ҳадафу вазифаҳо ва самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян намуд.

Зарурати таҳия ва қабули ин консепсия аз мушаххас намудани ҳадаф, вазифа ва самтҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити дигаргуниҳои ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодию фарҳангии кишвар ва ташаккули симои нави геополитикӣ дар ҷаҳону минтақа дар даҳаи дуюми асри XXI бармеояд. Консепсия таҳия ва роҳандозии чунин сиёсати хориҷиро пешбинӣ мекунад, ки он ба мутобиқ намудани рушди кишвар ба равандҳои тавсеаёбандаи ҳамгирой, минтақавишавӣ ва ҷаҳонишавӣ мусоидат намояд, имкониятҳои муносиби навро барои пешгирӣ ва рафъи хатарҳою чолишҳои имконпазир ба амнияти миллии он фароҳам оварад, заминаҳои мусоидро барои татбиқи пайгиронаи манфиатҳои миллӣ дар асоси воқеъбинӣ ва мутавозинӣ таъмин кунад.

Мутобиқи қисми 3- юми моддаи 10- и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, бо вобастагӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамуда, сиёсати хориҷии давлати мо дар асоси принсипҳои зерин амалӣ мешавад:

- эътирофи баробарӣ, эҳтироми истиқлолият ва тамомияти арзии давлатҳо, дахлнопазирии марзҳо, истифода накардан аз зӯрӣ ё таҳдид ба зӯрӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ, ҷонибдорӣ аз ҳалли осоиштаи ихтилофу низоъҳо, дахолат накардан ба корҳои дохилии якдигар;

- эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои бунёдии инсон;

- иҷрои уҳдадориҳое, ки аз ҳуқуқи байналмилалӣ бармеоянд;

- риояи принсипи волоияти ҳуқуқи байналмилалӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ;

- орӣ будани муносибатҳои байнидавлатӣ аз идеология, барқарор намудан ва густариш додани робитаҳои баробарҳуқуқ ва мутақобилан судманд бо тамоми кишварҳои ҷаҳон;

- напазируфтани ҳама гуна шаклҳои поймол намудани ҳуқуқ дар амалияи байналмилалӣ.

Бояд ҳамеша дар назар дошт, ки таҳким ва тақвияти истиқлолияти Ватан аз сиёсати санҷида ва ҳамаҷониба асоснок ва дорои механизмҳои зарурии байналмилалӣ ва минтақавӣ вобастагии зич дорад. Вобаста ба вазъи мушаххаси геостратегӣ ва мавқеи геополитикии худ ҳар як давлат афзалиятҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ, вазифаҳои ҷорӣ ва стратегии худро муайян мекунад ва чунин афзалияту вазифаҳо ҳар сол дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дақиқан муайян карда мешаванд.

Бояд таъкид кард, ки ҷаҳонишавӣ, яъне глобализатсия, раванди табиӣ ва объективӣ буда, табиати ниҳоят мураккаб ва зиддиятнок дорад. Аз як тараф, ҷаҳонишавӣ агар сабабгори густариши равобит ва муносибатҳои наздик ва доимии халқҳо ва кишварҳо, дастрасӣ ба комёбиҳои навин ва арзишманди илмӣ, техникӣ ва иҷтимоӣ, сарфаҷӯии захираҳои гуногун, танзими беҳтари фаъолияти гуногуни сатҳи ҷаҳонӣ ва падидаҳои дигари муҳим ва мусбат арзёбӣ гардад, аз ҷониби дигар, таҳти таъсири ҷаҳонишавӣ тафовут байни кишварҳои тараққикарда ва кишварҳои камтараққию кишварҳои хурди ҷазиравӣ амиқтар шуда, фишор ба сохторҳо ва арзишҳои миллӣ ва фарҳангии халқҳо ниҳоят шиддат меёбад, фаъолияти шабакаҳои террористӣ, экстремистӣ ва ҷинояткории трансмиллӣ хислати тақрибан ҷаҳонӣ касб карда, рӯҳияи бархӯрди тамаддунҳо нисбатан тақвият меёбад. Дар чунин вазъ нигоҳ доштани оромиву суботи ҷомеа ва таъмини амнияти давлат ва шаҳрвандон вазифаи аввалиндараҷа ва муҳимтарини ҳар як давлат мебошад. Махсусан, барои Тоҷикистон, ки ҷанги даҳшатноки шаҳрвандиро аз сар гузаронидааст, ин кор вазифаи рақами аввал аст.

Маҳз ба ҳамин хотир, консепсия манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи сиёсати хориҷӣ ифода намуда, дар марҳилаи кунунӣ ва ояндаи наздик онро аз ин нуктаҳо иборат медонад:

- ҳимоя ва таҳкими истиқлолияти давлати Тоҷикистон ва таъмини амнияти миллии он;

- эҷоди камарбанди амният ва ҳусни ҳамҷаворӣ дар тӯли марзҳои кишвар;

- инкишофи муносибатҳои боварӣ, дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо тамоми кишварҳои олам дар асоси манфиатҳои мутақобила;

- фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва тадриҷан баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, таъмини амнияти иқтисодии кишвар;

- расидан ба истиқлолияти энергетикии Тоҷикистон, дастёб шудан ба таъмини амнияти озуқаворӣ ва баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ;

- таъмин ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо, эътибор ва манфиатҳои шаҳрвандони Тоҷикистон дар дохил ва хориҷи кишвар;

- тақвияти шинохти мусбати Тоҷикистон дар ҷаҳон ба ҳайси давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ;

- мусоидат ба фаъолияти созанда ва қонунии ҷамъиятҳои тоҷикон ва ҳамватанон дар кишварҳои дигар.

Вусъати рӯзафзуни раванди ҷаҳонишавӣ аз муҳимтарин хусусиятҳои замони муосир дониста мешавад. Бинобар ин, Пешвои миллат дар яке аз баромадҳояшон чунин таъкид намуда буданд: «Имрӯз дар ҳоле, ки давлатҳои абарқудрат саргарми даъвоҳои бузургманишӣ ва салтанатҷӯйӣ ҳастанд, боиси таассуф аст, ки дар як қатор кишварҳо миллионҳо нафар аз гуруснагӣ, бехобӣ ва бемориҳои гуногун азоб мекашанд ва садҳо ҳазор одамон нобуд мешаванд. Фаромӯш набояд кард, ки минбаъд низ нодида гирифтан ва ба ҳоли худ гузоштани ин масъалаҳо ва ҳатто аз бадбахтии дигарон манфиат ҷустани баъзе кишварҳои абарқудрат боиси ба вуҷуд омадани масъалаҳои хатарноктар мегардад.

Шоистаи таҳсину таҳният мебуд, ки агар кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон ба ҷойи маблағҳои калонро ба ихтирои яроқу аслиҳа ва умуман мусаллаҳшавии бошитоб сарф кардан дар ҳалли масъалаҳои глобалии сайёра, аз ҷумла масъалаҳои экология, тандурустии аҳли башар, таъмини рушди баробари кишварҳои дунё саҳм гузоранд».

Сарвари давлати мо, пас аз ба эътидол овардани вазъи сиёсӣ ва ба раванди рушд қадам ниҳодани мамлакат дар 271 чорабинии сатҳи минтақавию байналмилалӣ суханронӣ намуда, тибқи принсипҳои Консепсияи сиёсати хориҷии Тоҷикистон, бо дарки амиқи манфиатҳои миллӣ ва равандҳои мураккаби ҷаҳонӣ, доимо талош меварзанд, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ барои таъмин кардани осоишу оромии сайёра ва ҳифзи тамаддуни ҷаҳонӣ роҳи ҳалли мусолиҳатомези масъалаҳои зикршударо ҷустуҷӯ ва пайдо намояд.

Чун доир ба мушкилот ва ҳалли онҳо дар ин ҷо қайд намудем, мувофиқи Консепсияи сиёсати хориҷии Тоҷикистон таҳдиду чолишҳо чунин гурӯҳбандӣ шудаанд:

- рушди ноустувор ва нобаробари иқтисодӣ, шиддат ёфтани рақобат ҷиҳати дастёбӣ ба бозорҳои ҷаҳонӣ ва захираҳои стратегӣ, афзоиши буҳронҳои молиявию иқтисодӣ;

- вусъати терроризми байналмилалӣ, қочоқи воситаҳои нашъадор ва силоҳ, ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ;

- густариши ифротгароии сиёсию мазҳабӣ, зиддиятҳои қавмию нажодӣ, бархӯрди тамаддун ва тамоюлҳои идеологӣ;

- низоъҳои дохилидавлатӣ ва минтақавӣ, таассуб ва ҷудоихоҳии қавмию нажодӣ, ташаннуҷи вазъи сиёсӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон;

- афзудани мушкилоти демографӣ, фақру нодорӣ, бекорӣ ва муҳоҷирати оммавии идоранашаванда;

- камбудӣ ё норасоии захираҳои ҳаётан муҳими моддӣ, пеш аз ҳама обу ғизо;

- тағйирёбии иқлим, мушкилоти экологӣ ва беҳдоштию эпидемиологӣ.

Дар баробари хатару чолишҳои мазкур, ки ба амнияти низоми муносибатҳои байналмилалӣ, аз ҷумла ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон чун ҷузъи таркибии ин низом таҳдид мекунанд, ҳамчунин омилҳои минтақавии зерин вуҷуд доранд, ки барои манфиатҳои миллии Тоҷикистон хатарҳо маҳсуб мешаванд:

- бино ба мавқеи ҷуғрофии худ, қарор гирифтани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар меҳвари манфиатҳои геополитикии ҷаҳони муосир;

- наздикии Тоҷикистон ба минтақаҳои хушунатбор, манбаъҳои зуҳури терроризм, марказҳои таълими ифротгаройӣ ва маҳалҳои тавлиди воситаҳои нашъадор;

- тавсеаи фаъолияти гурӯҳҳои террористӣ ва ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаройӣ дар минтақа;

-имкони истифодаи қаламрави кишвар барои қочоқи байналмилалии воситаҳои нашъадор ва интишори ғояҳои ифротгаройӣ;

- ҳалношуда боқӣ мондани масъалаҳои делимитатсия ва демаркатсияи марзҳо миёни кишварҳои минтақа ва эҳтимолияти барангехтани низоъҳо миёни қавму халқҳои минтақа;

- вуҷуди монеаҳои гуногун дар ҷодаи ҳамгироии муассири минтақавӣ, рафтуои озоди одамон ва ҳамлу нақли бемамониати молу хизматрасонӣ;

- набудани ҳамкории воқеӣ дар истифодаи оқилонаи захираҳои обию энергетикии минтақа;

- афзудани шиддати мушкилоти демографӣ ва экологӣ дар минтақа ва имкони истифодаи онҳо ҷиҳати барангехтани муқовимат дар ҷомеа.

Тавре мушоҳида намудем, дар Консепсияи сиёсати хориҷии Тоҷикистон пешбинӣ намудани чунин таҳдиду чолишҳои эҳтимолӣ, аз ҷумлаи сабабҳое шудааанд, ки имрӯз дар тамоми соҳаҳо консепсияву стратегияҳо, барномаю нақшаи амал ва чорабиниҳо таҳия гардида, корҳои назаррас ба анҷом расонида шуда истодаанд.

Имрӯз Тоҷикистон бо 25 давлати Аврупою Амрико, 34 давлати Осиё ва Африқо, аксарият кишвари ҷаҳон муносибатҳои дипломатӣ барқарор намуда, беш аз 180 давлат истиқлолияти давлатии моро расман эътироф кардааст. Дар хориҷи кишвар ва дар назди созмонҳои минтақавию байналмилалӣ беш аз 50 намояндагиҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифтитоҳ ёфта, беш аз 30 намояндагиҳои дипломатии кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои минтақавию байналмилалӣ дар Тоҷикистон фаъолият доранд.

Аз соли 2010 то ба имрӯз 47 созишномаи грантӣ аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи миллионҳо доллари амрикоӣ тасдиқ гардида, Тоҷикистон бо кишвару созмонҳои гуногуни олам беш аз 2100 санадҳои дуҷонибаю бисёрҷониба, аз ҷумла беш аз 700 созишнома, 107 протокол, 19 ёддошти тафоҳум, 168 конвенсия, 15 меморандум, 16 декларатсия ва 37 шартномаро ба имзо расонидааст. Аз соли 2010 то инҷониб аз тарафи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 30 созишномаҳои сармоягузорӣ тасдиқ гардидаанд, ки ҳаҷми маблағгузории онҳо беш аз 5 млрд. доллари амрикоиро ташкил медиҳад.

Ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ торафт бештар таваҷҷуҳ зоҳир намудани сармоягузорони хориҷӣ, ҳамкории институтҳои бонуфузи молиявии ҷаҳон, ки торафт густариш ёфта истодааст, далели таҳким ёфтани сулҳу субот дар ҷомеаи мо, эътирофи ислоҳоти иқтисодӣ ва афзудани эътимоди кишварҳои хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Чуноне, Пешвои миллат таъкид намудаанд: «Ҳар як фарди баору номуси Ватанро даъват мекунам, ки дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии мамлакат бо дарки масъулияти баланд дар назди таърихи миллат ширкат намояд».

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ: «ЗАБОНИ ТОҶИКӢ АЗ ШЕВОТАРИН ЗАБОНҲОИ ОЛАМ МЕБОШАД»

**Устод Шакурӣ: «Ҷаноби Олӣ ба вежа дар бораи забони модарӣ ва азиздошти он суханҳое гуфтаанд, ки банда дар ин умри дарозам аз ҳеҷ як сарвари Тоҷикистон нашунидаам. Агар Сарвари кишвар нисбат ба забон ва фарҳанг ба чунин ҳақшиносӣ сиёсат пеш бигирад, шак нест, ки аз ҳалли душвортарин масъалаҳои рушди ҷомеаи нави тоҷикон умед метавон кард».**



Шоҳзамон РАҲМОН,
профессор

Дар рӯйи олам роҳбароне аз давлату ҳукуматҳо ҳастанд, ки ба забон зиёд ғамхорӣ менамоянд. Президенти Фаронса Шарл де Голл ҳанӯз соли 1976 Қонуни забони Фаронсаро таҳия намуда, худ роҳбари ин забон буд ва намегузошт, ки ғалату иштибоҳе ба забони миллӣ ворид шавад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳам аз зумраи чунин шахсиятҳои бузурги давлатию таърихӣ мебошанд, ки ба рушду равнақ гирифтани забони миллӣ саҳми арзанда гузошта, ҳар сол дар бораи забон, таърихи он, асолати забони миллии тоҷикӣ, оид ба фарзандони номбардори ин забон, имлои нави забони тоҷикӣ, луғату истилоҳот, робитаи забони тоҷикӣ бо дигар забонҳои олам ва даҳҳо чунин масоили наву тозаи забони миллиро баррасӣ менамоянд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромадҳои ҳарсолаашон дар Рӯзи забон ва дар мавридҳои алоҳидаи суханронӣ забони тоҷикиро ҳамчун рукни асосии халқу миллат, пояи устувори давлату Ҳукумат ба қалам оварда, онро омили муҳими якдигарфаҳмии пайвандгари риштаҳои дӯстӣ ва бародарии халқҳои олам медонанд.

«Забон рукни асосии миллат ва давлат аст. Миллату давлат соҳиб ва пуштибони забонанд. Забон омили асосии рушду камоли миллат ва давлат мебошад. Ин аст, ки забон ва давлату миллат дар паноҳи якдигаранд», - таъкид мекунад Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Забонҳо хеле зиёд мебошанд. Мардум бо зиёда аз ҳафтуним ҳазор забон ҳарф мезаданд, лекин аз онҳо якуним ҳазор забон аз байн рафтааст. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар байни ин миқдор забонҳо забони тоҷикиро аз муҳимтарин, шевотарин ва лаззатмандтарин забонҳои олам мешиносанд, ки ҳангоми андешаю мулоҳиза, нутқи шифоҳию хаттӣ шеърияти сухан боло гирифта, маъниҳои наву нодир, тозаю пандомез пайдо гардида, тоҷиконро аз дигар намояндагони халқу миллатҳои ҷаҳон фарқ мекунонад. Ин забонро дар радифи машҳуртарин забонҳои ҷаҳон - англисӣ, фаронсавӣ, италянӣ ва русӣ ҷойгузорӣ кардааст. Ҷаноби Олӣ бештар маврид аз таърифи забон ба таърихи дурударози он сафар намуда, ватани забони тоҷикиро Хуросону Мовароуннаҳр, Эрон, боз фаротар рафта, то Қафқозу Осиёи Хурд, Ҳиндустону Ироқ ба мулоҳиза мегиранд, ки дар марзу буми кишварҳои гуногуни олам паҳн шудааст. Ин забон қариб ними оламро фаро гирифта, ҳазорсола дар зулму таассуби ғосибон низ монда, боз шукӯҳманд гардид.

Натиҷаи омезиш ёфтани чандин забонҳои нажоди ориёӣ, аз ҷумла, авестоӣ, паҳлавӣ, суғдӣ, бохтарӣ, хоразмӣ дониста, намунаҳои нави ёдгориҳои хаттиро аз асри VII ва ташаккули давраи нави забони тоҷикиро аз асрҳои IX-X дар давраи рушду қувват гирифтани Давлати Сомониён ба андеша гирифта, ба таъкид мегӯяд: «Забони мо дар тӯли садсолаҳо дар ҳавзаи бузурги таърихӣ аз баҳри Миёназамин то марзҳои Ҳинду Чин ҳамчун забони амалии давлатӣ ва забони муоширати байни қавмҳо ва халқҳои гуногун буда, дар осори хаттии ҳалқҳои ғайритоҷику эронӣ ҳам нақши зиёде дорад. Дар Ҳиндустон забони тоҷикии форсӣ ҳаштсад сол таъсири амиқ дошт. Аз ин рӯ, истиқлолияти давлатии тоҷикон ҳамчун омили воқеӣ метавонад нуфузи азалии забони тоҷикии форсиро дар ин қаламрав эҳё гардонад».

Дар замони собиқ Ҳукумати шӯравӣ таърихи забони тоҷикии форсӣ дуруст омӯхта нашуд, донишмандон ва ходимони давлату ҳукумат пас аз инқилоби русӣ, асосан ба забони адабии ҳозираи тоҷик диққат доданд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар замони соҳибистиқлол шудани кишвар, маҳз ба чунин нозукиҳои таърих, таваҷҷуҳ намуда, бисёр масъалаҳои сиёсию иҷтимоиро дар таърихи дурударози илму адабиёт ва фарҳанг ошкор менамоянд. Дар бораи масъалаҳои гуногуни забони адабии тоҷикӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» сухан ронда, забони миллиро аз замонҳои хеле қадим, аз давраҳои ибтидоӣ ба мулоҳиза кашида, ба ин восита, гузаштаи дури таърихи забони миллатро пешорӯйи мутахассисону хонандагони сершумор ҷилва дода, гуфтан мехоҳанд, ки ба таҳқиқи таърихи забон бетараф набошем, чунки ин забон соҳиби илму маърифати хаттии беш аз сеҳазорсола буда, аз имтиҳонҳои сангин гузашта, намунаи барҷастаи пойдории миллат шуда омадааст. Вай се давраи бузурги таърихии хирадманди кишвар дар ин давраи шукуфоӣ ба забон ҳамчун ба лаҳни поку гуворо назар андохта, бисёр камбудиҳое, ки бар асари таърих сар зада буданд, аз нав ислоҳ менамоянд. Халқу миллат аз дунёи қадим то имрӯз ба забон ҳеҷ гоҳ бетараф набуданд. Онҳо забони халқу миллати худро дӯст дошта, ба он муҳаббату садоқат ва арҷ мегузоштанд, ҳазорҳо сол барои аз байн нарафтани забон, дар бораи асолати он андеша намуданд. Давлатдорию шуҳрати азим доштани Куруши Кабир, Доро, Ардашер, Исмоили Сомонӣ ва дигар шахсони таърихро, маҳз ба хотири пос доштани забон ба таъкид эътироф менамоянд. Аз ин рӯ, Президенти мамлакат ба забон ҳамчун ба рукни асосии ҷамъият ва нигаҳдори заковати халқ муносибат карда, дар истиқлол ёфтани забони Ватан арзанда хидмат менамоянд ва чунин меҳрубонист, ки аз ҷониби ӯ ба забони миллӣ таълиф шудани китобҳои дуҷилдаи «Забони миллат-ҳастии миллат» ғамхории бемонанд нисбат ба забони миллат мебошад.

Пешвои миллатамон дар суханрониҳои худ забони тоҷикии форсиро забони аҳли биҳишт номидани Паёмбари ислом, ба забони модарӣ шеър гуфтанро ташвиқ намудани Яъқуби Лайси Саффор, ба тоҷикӣ гузоридани намоз, ба ин забон нашр намудани тафсири китоби муқаддаси «Қуръон», кӯшиши Исмоили Сомонӣ барои рушду такмил гирифтани забони дарии тоҷикӣ дар замони хилофати араб ва ҳоказоро муҳимтарин санади таърихии забони миллӣ баён менамоянд. Давлати Сомониён марҳилаи нави соҳибистиқлол шудани забон, давраи нави шукуфоии ин забон гардид. Маҳз Сомониён тавонистанд ба эҳёи миллат ва фарҳанг асос гузоранд, забони модариро чун гавҳараки чашм нигоҳ доранд, ҳувияти миллӣ ва арзишҳои фарҳангиро ҳифз намоянд. Ҳамчунин, тулӯи оламшумули забони тоҷикӣ ба талошу фаъолияти ин давлат (Сомониён) ва сарварони соҳибхираду маърифатпарвари он иртиботи ногусастанӣ дорад.

Дар ҳазорсолаҳои таърих, чунон ки медонем, мардуми ғоратгар ҳокимият ғасб карда, кӯшиш менамуданд, ки номи тоҷикро аз саҳифаҳои таърих хат зананд, вале фарзандони фарзонаи миллат, - менависанд Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, - «бо илму фарҳанги воло, шеъру сухани оламгир, суннату оинҳои аҷдодӣ ва албатта, заковати азалии забони шево»-яшон халқро аз нобудӣ эмин медоштанд. Тоҷикон бо вуҷуди аз давлат маҳрум гардидан «тамоми корҳои ташкилу танзим, низоми мамлакатдорӣ, идораи девону дафтар, коргузорӣ доштанд, онҳо маҳз ба забони тоҷикӣ сурат мегирифтанд. Пеш бурдани сафорату тиҷорат, танзими дахлу харҷ, пояҳои иқтисодии кишвар, сарварии ҳавзаҳои илмию адабӣ ва ғайра суннати соф тоҷикона дошт, аммо мақоми подшоҳӣ ва зимомдории мамлакат дар дасти дигарон буд». Фарзандони асили миллӣ бо вуҷуди мушкилию душвориҳои зиндагӣ бори забону маънавиёти кишварро бар дӯш доштанд. Дар аҳди фарзандони фарзонаи миллат дар замони сиёсати навсозию бозсозӣ ҳамчун Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ ва иддаи дигар қонунсозони забон аз фурсат истифода карда, ба туфайли Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар забон умри дигарбора бахшида, аз нав асолати забони миллиро барқарор карда, барои дар оянда боз ба авҷи тараққиёт расонидани ин забон кӯшишҳо карданд.

Ба мулоҳизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон истифодаи калимаю истилоҳоти дигар забонҳо раванди маъмулист. Аз ин рӯ, «Ба хотири ҳифзи асолати забон ба масъалаи иқтибос ва иқтибоспазирӣ бояд муносибати масъулона ва таваҷҷуҳи доимӣ дошта бошем, аз таъсири тахрибкоронаи забонҳои дигар, тақлиди зараровари талаффузи сунъии калимаҳо парҳез намоем».

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин, дар таълиму тадриси забони давлатӣ ва алоқаманд омӯхта шудани он бо дигар забонҳо ба мулоҳиза омада, чеҳраи забони миллиро дар байни дигар забонҳо нодиру камназир нишон медиҳанд. Бо ҷиддият ва қатъияти том таъкид менамоянд, ки забони тоҷикии форсӣ аз дигар забонҳои олам бо ҳусну малоҳат ва назокати алоҳидаю хосааш фарқ менамояд. Сарвари ҷумҳурӣ қабат-қабат фикрҳои ҳикматомези фалсафию иҷтимоиро дар осори ниёгон дида, маъниҳои наву тозаи миллӣ ба мушоҳида мегиранд, ки дар кам забонҳои дунё дида мешаванд. «Дар аҳди Сомониён забони модарии мо бо покию Ҳахоманишиҳо, Сосониён ва Сомониёнро гузашта, ба ҷаҳониён мероси бузурги маънавӣ эҳдо кардааст. Дар тӯли асрҳо калимаю мафҳумҳои забонҳои бегонаи юнонию ҳиндӣ, хитоию сурёнӣ, арабию туркӣ, дар асри XX калимаҳои русию аврупоиро оҳангҳои тоҷикӣ медод ва ҳоло ҳам ҳеҷ касе гумон намекунад, ки калимаҳои «пахта», «пиёла» юнонӣ, «обуна» фаронсавист. Ба қавли Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: «Ин забон бо вуҷуди рӯйдодҳои фоҷиабори таърих ба ҳамаи дигар забонҳои ғосибу ҳамсоя муқовимат карда, обутоб ёфта, дар лаҳзаҳои басо гуворо дар сухан лаззат мепарварид ва дар айёми ҷӯшу хурӯши ҷангу набард, воқеаю ҳодисаҳои нангини таърих тундию тезии сиёсию иҷтимоӣ касб менамуд…».

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Қонуни забони Ҷумҳурии Тоҷикистон (1989) ва соҳибистиқлол шудани кишвари азизамонро ҳамчун мафҳумҳои дугонаи сиёсию иҷтимоӣ ҳамеша рӯйи забон меоранд. Фаъолияти Қонуни забон махсусан дар замони соҳибистиқлол шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон афзуд, мардуми ширинаш оламгир шуд ва албатта, ин мартабаи олиро ба забони модарӣ, пеш аз ҳама, осори адибону олимони хушкалом ва меҳанпарастамон бахшидаанд. Онҳо дар шеъру достонҳои хеш ба забон инчунин ранг, ҳусн ва дилрабоӣ ато менамуданд, ки пас аз суқути Давлати Сомониён ҳам соҳибқудратони аҷнабӣ мафтуни он шеъру адаб буданд ва пеши он сари таъзим фуруд меоварданд. Ҳатто ба дарбори худ адибону олимони зиёдро гирд меоварданд, ки дар васфашон бо забони тоҷикии форсӣ асар эҷод бикунанд». Бинобар ин, ҳам ба роҳу шеваҳои нави таълиму тадрис диққат додани омӯзгорон, аз ҷиҳати назарияву амалия таҷдиди назар кардани китобҳои таълимии забони тоҷикӣ дар мактабҳои таҳсилоти умумию олӣ, ҳар чӣ зудтар таҳия кардани китоби нави грамматикаи забони тоҷикиро пешниҳод менамоянд. Ин забонро барои ақаллиятҳои миллии Тоҷикистон ҳам тавсия менамоянд, барояшон шароитҳои зарурӣ, курсҳои забономӯзӣ, китобҳои дарсӣ, луғату муҳовараҳои умумии соҳавӣ таҳия ва тавсия карданро зарур мешуморанд.

Бо соҳибистиқлол шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои байналмилалӣ авҷ гирифт, акнун дар назди ҷомеа, махсусан наврасону ҷавонон вазифа пеш омадааст, ки ба ҷуз, хуб донистану омӯхтани забони модарӣ, боз чанд забони муҳими ҷаҳонӣ, махсусан русию англисиро аз худ намоянд. Забонҳои русию англисӣ аз ҷумлаи шаш забони коргузории СММ мебошад, ки онҳоро аз худ кардан ҷаҳонишавии илму фарҳанги миллиро осон менамояд.

Аз рӯйи мулоҳизаҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, алҳол ба дусад забон эҳтимоли маҳвшавӣ таҳдид менамояд: «Дар таърих мардумони соҳибтамаддун кам нестанд, аммо бештаринашон имрӯз номи қавму миллатро аз таърих зудудаанд... Маҳви забон дер ё зуд сабабгори маҳви миллатҳо ва мардумони соҳибзабон мегардад… Ин панди таърих барои аксарияти халқу миллатҳои хурду бузурги сайёра омӯзанда аст».

Президенти мамлакат аз эътибору пешрафти фарҳангу забонҳои дунё сухан ронда, дастовардҳои забони модариро қайд намуда, боз ба таъкид соҳибтамаддуну соҳибзабононро ҳушдор месозанд, ки забону фарҳанги худро фаромӯш накунанд. Забони тоҷикии форсии воломақомро ҳам дар зери таъсиру нуфузи дигар қавму забонҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ нагузоранд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо шавқу рағбати зиёди ба забон доштанашон муҳаббату садоқати дигаронро низ ба забони миллӣ меафзоянд. Мардум, махсусан, дар замони соҳибистиқлол шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шарофати Президенти мамлакат асолати забонро эҳё намуда, дар ҳамаи соҳаҳо ҷорӣ намудани забони давлатӣ, таъмин намудани таълиму таҳқиқи забон, аз олоишҳои забони бегонаю унсурҳои маҳаллӣ пок кардани забони ноби тоҷикӣ, робитаҳои хориҷӣ васеъ истифода кардани забони давлатӣ, ташаккули ҳамаҷонибаи забон, луғату истилоҳоти навин масъул мегардонанд. Вазоратҳои маорифу фарҳанг, донишгоҳҳои олии ҷумҳуриро вазифадор месозанд, ки донишҷӯёнро бо маводу дастурҳои таълимии оид ба забони тоҷикӣ таъмин намоянд, Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Маркази мероси хаттии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ин масъала масъул дониста, пешниҳод менамоянд, ки ҳар чӣ зудтар истилоҳот ва меъёрҳои забони давлатиро бо истифода аз осори хаттӣ ба роҳ монанд, грамматикаи таърихи забони тоҷикӣ ва фарҳангҳои тафсирӣ, дузабона, меъёрӣ ва фарҳанги имлои забони адабиро таҳия ва нашр кунанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон калимаю истилоҳоти аз нигоҳи дастури забон ғалат ва дурушту нохушояндро гоҳе истифода бурдани шахсони алоҳида, ба талаффузи арабӣ тобеъ кардани забони модарӣ, истифодаи бемавриди калимаю ибораҳои забонҳои бегонаро дар забони тоҷикӣ мушоҳида намуда, ин амали ноҷӯрро ислоҳпазир мешуморанд. Баъзе рӯзномаҳо калимаю истилоҳоти барои мардум нофаҳмоеро кор мефармоянд, иттилооту матбуот ба ғалатгӯӣ ва ғалатнависӣ роҳ медиҳанд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамаи корхонаҳои мамлакатро сарфи назар аз шакли моликияташон вазифадор мекунанд, ки муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро риоя намоянд, ба забони илм табдил додани забони тоҷикӣ, таҳияи истилоҳоти илмӣ, компютерӣ кардани забони тоҷикӣ, аз ҷониби роҳбарони воломақом дар сатҳи баланд донистани ин забон ва ҷиддӣ ба эътибор гирифтани китобҳои мукаммали таърихи забону адабиёти тоҷикро мавриди диққат ва пажӯҳиш қарор диҳанд.

Чунон ки мебинем, забону фарҳанги миллӣ ба ғамхории махсус эҳтиёҷ доранд. Давлату Ҳукумат, фарзандони фарзонаи миллат, махсусан Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар замони имрӯз анъанаи бузургтарин нобиғагони замонро дастгирӣ карда, забону фарҳанги миллиро ҳамеша дар паноҳи худ мегиранд, зеро халқу миллат ба онҳо зиёд ниёзманд мебошанд. Забону фарҳанг омили шукуфоӣ, хуррамӣ ва додгустарӣ буда, ҳақиқатест, ки мардум тавассути он орзую ҳавас, марому мақсадашонро баён менамоянд.

Забони тоҷикӣ бо фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҳз муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ташаккул ёфта, аз муҳити кишвар то ҳамоишу анҷуманҳои байналмилалӣ густариш намуда, ба забони мукаммали сиёсӣ расид, лафзи тоҷикиро аз бузургтарин минбарҳо ба гӯши ҷаҳониён расонданд, ҳамин тавр, рисолати таърихию иҷтимоияшонро бо эҳтиром арҷгузорӣ адо намуданд.

# ҚАЛЛОБӢ ӮРО ПАСИ ПАНҶАРА КАШИД

**Мегӯянд, ки зоҳири одам ботини онро муайян мекунад, вале дар баъзе мавридҳо ин ҳикмат ғалат мебарояд. Бисёр нафарон аз ин ҳақиқат фирефта шуда, хато намуда, саргум мешаванд.**

Чунончи, чанд нафар сокинони ноҳияи Файзобод аз чеҳраи Фазиламо Латифова ботинашро муайян карда натавониста, ба доми фиреби ӯ афтодаанд.

Фазиламо Латифова сокини шаҳраки Файзобод, 37-сола, соҳиби се фарзанд, маълумоташ миёна бошад ҳам, мактаби қаллобиро хуб гузаштааст. Ӯ аввалан ба боварии дӯстони деринааш - истиқоматкунандаи шаҳраки Файзобод, кӯчаи И. Сомонӣ Нозигул Маҳмадалиева даромада, бо баҳонаи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ, яъне хариду фурӯши либосҳои занона ва кӯдакона аз 22-юми феврал то 18 - уми августи соли 2022 дар нуҳ маврид ҷамъулҷамъ 25000 сомонӣ ва 30000 рубли русӣ, ки дар маҷмӯъ, 33000 сомониро ташкил медиҳад, қарз гирифтааст. Бо маблағи гирифтааш чанд муддат радду бадал карда, аслан маблағи мазкурро ба хӯрок ва сарулибос сарф намуда, қарзи гирифтаашро мувофиқи забонхатҳои додааш барнагардонидааст, ки боиси ба мақомоти дахлдор муроҷиат намудани ҷабрдида Н. Маҳмадалиева гаштааст.

Фазиламо чун дид, ки бо шиноси деринааш (Маҳмадалиева Н.) «ошаш намепазад», аз усулҳои қаллобӣ истифода бурда, боз бо ҳамон баҳонаи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ, яъне хариду фурӯши либосҳои занона ва кӯдакона ба боварии сокини кӯчаи Розиқзодаи шаҳраки Файзобод Манижа Асадуллозода даромада, моҳи январи соли 2023 дар ду маврид - 5000 сомонӣ қарз мегирад ва ин маблағро боз барои эҳтиёҷоти шахсиаш истифода бурда, баргардонидани онро дар муҳлати муқарраргардида таъмин накардааст, ки бо ин кирдораш ба М. Асадуллозода зарари ҷиддӣ расонидааст.

Ғайр аз ин, Фазиламо ба боварии шаҳрванд Рухшона Шарифова даромада, моҳи июли соли 2022 аз номбурда барои табобати дандон 7500 сомонӣ қарз пурсидааст. Рухшона «саховат» карда, ба ӯ 10000 сомонӣ қарз дода, дар ин хусус забонхат мегирад. Фазиламо забонхат додааст, ки аз Рухшона ҳақиқатан 10000 сомонӣ қарз гирифтааст. Бо гузаштани як моҳ Фазиламоҳ «шафқат» зоҳир намуда, фоизи даҳ ҳазор сомонии қарзи гирифташударо додан мехоҳад. Рухшона бошад, 10000 сомонии қарзи додаашро пурра аз ӯ талаб мекунад. Табиист, ки Фазиламо якбора даҳ ҳазор сомонии гирифтаашро баргардонида наметавонист, аз ин рӯ ин дафъа усули навро ба кор бурда, бо мақсади гирифтани қарз аз Зебо Бобиева пешакӣ нусхаи шиносномаашро бо худ гирифта, бо дасти худ забонхат оид ба баргардонидани қарзи гирифтаашро дода, аз Зебо Бобиева даҳ ҳазор сомонӣ гирифтааст. Ғайр аз ин, 21-уми августи соли 2022 Фазиламо ба хонаи Зебо Бобиева рафта, боз даҳ ҳазор сомонӣ қарз гирифта, забонхат навишта медиҳад. Ҳамин тавр, Фазиламо, ба қавле хазинаи қарздиҳиро меёбад, ки аз Зебо Бобиева дафъаи дигар бист ҳазор сомонӣ мегирад, гӯё ин маблағро барои харидории замин дар шаҳри Ваҳдат шавҳари Фазиламо хоста будааст. Фазиламо аз корбудкунии З. Бобиева қаноатманд шуда, 10-уми ноябри соли 2022 боз шаш ҳазор сомонии дигар қарз мегирад. Ҳафтае пас Фазиламо боз ба хонаи Зебо Бобиева рафта, арзи дил мекунад, ки «ба мағозааш бор овардан мехоҳад, аммо пул надорад. 23000 сомонӣ диҳад, баъди фурӯхтани бор маблағашро бармегардондааст». З. Бобиева дар бораи 23000 сомонии дигар гирифтани Фазиламо аз ӯ забонхат мегирад. 10-уми декабри соли 2022 Фазиламо аз З. Бобиева 2000 сомонӣ, 13-уми декабри соли 2022-юм 14000 сомонӣ гирифта, ба мақсад мерасад. Рӯзи 10-уми январи соли 2023 Фазиламо боз назди Зебо Бобиева омада, дар хусуси пеш нарафтани савдояш дарди дил мекушояд ва зарурати 10000 сомониро ба миён мегузорад. Кори Фазиламо, ки буд шуд, Зеборо «фаромӯш» мекунад, яъне сарро аз хаёли адои қарз дур месозад. Қарзи аз Зебо Бобиева гирифтааш қариб ба 100000 ҳазор сомонӣ мерасад. Вақте З. Бобиева аз фиребхӯриаш огоҳ гашта, дар ин хусус нисбат ба Фазиламо ба ШВКД дар ноҳияи Файзобод муроҷиат мекунад, маълум мешавад, ки чанд нафари дигар ба доми фиреби Фазиламо афтида будаанд. Бо ҳамин минвол, қарзҳои гирифтаи Фазиламо аз ҷабрдидагон дар маҷмӯъ, 229 ҳазору сию чор сомониро ташкил медиҳад.

Барои ин кирдорҳо Фазиламо Латифова бо ҳукми Суди ноҳияи Файзобод аз 15-уми июни соли 2023 бо моддаи 247 қисми 4 банди «б» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста, ба ӯ бо ин модда ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати 8 сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи фаъолияти соҳибкорӣ ба муҳлати 3 сол бо адо кардани ҷазо дар колонияи ислоҳии дорои низомаш умумӣ таъин карда шуд.

Ҳамзамон, бо ҳамин ҳукм аз ҳисоби Латифова Фазиламо Шарифовна ба фоидаи Нозигул Маҳмадалиева 30034 сомонӣ, Зебо Бобиева 83000 сомонӣ ва Рухшона Шарифова 106000 сомонӣ маблағҳои зарар рӯёнида шудааст.

Бо таъиноти кассатсионии Коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18-уми июли соли 2023 ҳукми Суди ноҳияи Файзобод аз 15-уми июни соли 2023 нисбат ба Фазиламо Латифова бо моддаи 247 қисми 4 банди «б» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бетағйир, шикояти кассатсионии маҳкумшуда беқаноат мононда шудааст.

Акнун Фазиламо Латифова дар паси панҷара адои ҷазо намуда истодааст.

**Шодӣ НАЗАРЗОДА,**
**судяи Суди ноҳияи Файзобод**

# ХИДМАТ БА ВАТАН ВА МИЛЛАТ БОЯД АРЗИШИ ОЛИИ ЗИНДАГИАМОН БОШАД

**Чанде пеш дар Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи «Тарбияи ватандӯстӣ ва ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ: вазъ ва дурнамо» конфронси илмию амалии ҷумҳуриявӣ баргузор гардид.**




Директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Хайриддин Усмонзода зимни ифтитоҳи машварат қайд кард, ки баргузории чунин ҷамъомад имкон фароҳам меорад, ки масъалаҳои асосии муҳити ҷавонон дар шароити ҷаҳонишавӣ муҳокима гардида, мақсад ва ҳадафҳои сиёсати давлатӣ дар самти ҷавонон бо назардошти хусусиятҳои шаклгирии равандҳои дохилидавлатию умумихалқӣ аз дидгоҳи назариявию амалӣ боз ҳам амиқ ва равшан карда шаванд. Тавре ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-юми декабри соли 2022 зикр шудааст: «Ҷавонони Тоҷикистони соҳибистиқлол неруи созандаи Ватан буда, нақши онҳо дар тараққиёти ҳамаи соҳаҳои ҳаёти давлат ва ҷомеа бисёр арзишманд ва назаррас мебошад. Мо бо ҷавонони кишвари худ ифтихор дорем, зеро онҳо дар рушди давлат ва ободии Ватан фаъолона саҳм мегузоранд, марзу буми сарзамини аҷдодиро ҳимоя мекунанд, ватандӯсту ватанпараст, бонангу номусанд ва ба халқу давлати Тоҷикистон содиқ мебошанд. Бо дастгирию ғамхорӣ фаро гирифтани ҷавонон, ҳаллу фасли мушкилоти ҳаёти онҳо ва истифодаи дурусту оқилона аз ин захираи стратегии миллӣ ба хотири ободию пешрафти Ватан ва таъмини амнияту суботи ҷомеа аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарине мебошанд, ки таҳти таваҷҷуҳи хосаи Ҳукумати мамлакат қарор доранд, зеро Тоҷикистон худ кишвари ҷавонон аст».

Сардори Раёсати таҳлил ваояндабинии сиёсати дохилии Маркази тадқиқоти стратегӣ Саидаҳтам Талбаков қайд намуд, ки вазъи зудтағйирёбандаи ҷаҳони муосир давлатҳоро маҷбур месозад, ки сиёсати давлатӣ ва барномаҳои рушдро тарҳрезӣ ва амалӣ созанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дастёбӣ ба манфиатҳои миллӣ, дар робита ба вазъи имрӯзаи минтақа ва ҷаҳон сиёсати давлатии худро ба роҳ монда, бо назардошти аҳолии ҷавони мамлакат, амалишавии қариб тамоми самтҳои муайянгардидаи сиёсати дохилию хориҷии кишвар ба ҷавонон вобаста мебошад. Аз ин рӯ, дуруст ба роҳ мондани тарбияи ҷавонони солимуояндасоз ва сари вақт амалӣ намудани ҳадафҳои сиёсати давлатии ҷавонон яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад.

Ассистенти кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Аҳлиддин Восиев дар мавзӯи «Ватандӯстӣ дар низоми арзишҳои ҷавонони Тоҷикистон», суханронӣ намуда, иброз дошт, ки амнияту осоиши ҷомеа, пешрафти давлат ва ободии имрӯзу фардои Тоҷикистони соҳибистиқлол аз ҳисси баланди миллӣ, худшиносию худогоҳӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва садоқат ба Ватан, миллат ва обу хоки сарзамини аҷдодиамон вобастагӣ дорад. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои нахустини давлатдорӣ ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуда, пайваста таъкид месозанд: «... то даме, ки худшиносии миллӣ, пос доштани хотираҳои таърихӣ, ифтихор аз мансубияти миллӣ, дар шуури ҳар яки мову шумо падид наояд, то даме, ки ҳар кадоми мо манфиати миллиро ҳамчун қарзи муқаддаси шаҳрвандӣ эҳсос накунем ва эҳтиром нагузорем, то даме, ки хидмат ба Ватан ва миллат бароямон ба арзиши олии зиндагӣ табдил наёбад, мо ҳамчун давлати соҳибистиқлоли миллӣ ба камол намерасем».

- Ватану миллат ду вожаи муҳим ва муқаддас барои ҳар як инсон аст. Соҳибватан будан ифтихору хушбахтист. Ин нуктаҳои муҳим, маҳз ба миллати тамаддунофари тоҷик тааллуқ доранд, зеро кишвари ободу озод, амну субот ва соҳибтамаддуну соҳибистиқлол дорему мардуми ин кишвари озодазодагон барои рушду такомули ин диёри биҳиштосо таҳти роҳбарии фарзонафарзанди тоҷик, Асосгузори давлати навини тоҷикон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста кӯшиш менамоянд. Сиёсати инсондӯстонаву ваҳдатофари Пешвои миллат ва дастгирии ҳамаҷонибаи мардуми шарифи тоҷик буд, ки мо дар фазои сулҳу ҳамдигарфаҳмӣ зиндагӣ дорем, - иброз намуд Аҳлиддин Восиев.

Номбурда зикр намуд, ки имрӯз ҳар як тоҷику тоҷикистониро мебояд барои пойдор мондани сулҳу оромӣ ва истиқлолияту ваҳдат дар Ватани азизамон бо ҳисси баланди худогоҳӣ ва хештаншиносӣ саҳмгузор бошад.

Дар конфронс, ҳамчунин, номзади илмҳои иқтисодӣ, сардори Раёсати таҳлили масъалаҳои макроиқтисодии Маркази тадқиқоти стратегӣ Ораз Муртазоев дар мавзӯи «Таҳкими масъалаи ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ», сардори шуъбаи кор бо ҷавонон ва собиқадорони Раёсат оид ба корҳои сиёсӣ ва тарбиявии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковник Абдуррашид Ҳотамиён дар мавзӯи «Ватан сар мешавад аз гаҳвора…», корманди КДАМ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон Вафо Наимов дар мавзӯи «Пайомадҳои мутолиа ва паҳнсозии матлабҳо ва наворҳои мансуб ба ташкилотҳои террористӣ ва экстремистӣ» ва мутахассиси Раёсати таҳлил ваояндабинии сиёсати дохилии Маркази тадқиқоти стратегӣ Шаҳноза Нусратова дар мавзӯи «Нақши занон дар тарбияи ватандӯстии ҷавонон» ибрози андеша намуданд.

Дар охир миёни коршиносон вобаста ба суханрониҳои маърӯзачиён табодули афкор сурат гирифт. Ҷамъомад дар рӯҳияи самимият, ҳусни тафоҳум ва муколамаи созанда баргузор гардид.

**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум»**

Ҳифзи муҳити зист

# ҲУШДОРИ МОҲӢ



**Аз пайроҳаи назди ҳавлӣ гузашта ба роҳи калон баромадам. Дар паҳлуи ин роҳ наҳри начандон калони деҳа қарор дорад. Он аз об пур буд, вале на оби софу зулол. Мушоҳида кардам, ки оби наҳр ноором буду аз дохили он садоҳои аҷиб мебаромад.**

Оби наҳр баланд шуду он садоҳо баландтар гаштанд, акнун ғулғулаи ҳавлноке ба гӯш мерасид. Қалбам каме такон хӯрд, тарсидам, зеро наҳр серобтар мешуд ва оби ифлос ва бӯйнок ба рӯи роҳ баромад. Хостам қадамҳоямро тезтар монам, то ҳар чӣ зудтар гузарам, вале баръакс ҳис кардам, ки роҳ гаштан бароям душвор мешавад. Чанд қадами дигар мондам, ки селоб роҳро пурра иҳота кард ва аз дохили наҳр ҷонварони моҳирангу вале бадҳайбат берун шуда, рӯи об ва роҳро пур карданд. Дар ҷоям шах шудам, атрофам низ торику ғуборолуд гашт ва дар наздикиҳо касеро намедидам, ки ба ёрӣ даъват кунам. Мехостам садо баланд кунам, дод гӯям, вале овозам дар гулӯям дармонд…Чашмонамро пӯшидам, то он ҷонваронро набинам. Яке аз моҳиҳо, ки калонтару ба ман наздиктар буд, бо забони одамӣ ба сӯям бонг зад:

- Ҳой инсон, чашмонатро кушо, ба сӯям нигоҳ кун. Ин чизеро, ки мебинӣ кори дасти худат ҳаст. Ту ҳикмати рӯзгорро фаромӯш кардаӣ: «Ҳар чӣ ки киштӣ, ҳамон даравӣ». Ту моро ба ин ҳол овардӣ. Дар ҳоле ки мо бароят безарар будем, балки аз мо манфиат мебурдию мебарӣ. Худованд моро халқ карду дар дарё макон дод. Мо, моҳиҳо, ба шумо инсонҳо, ки дорои ақлу заковат ва ҳиссиёти баландед, хизмат мекунем. Ҳатто оби ҷонбахшу ҳаётбахшро ҳамеша тоза нигоҳ медорем, ҳашароту алафҳои зараровару обифлоскунандаҳоро нест ва барои хушҳолии шумо рақсу бозӣ мекунем… Аммо шумо бар ивази ин қадар ғамхориҳо моро азоб медиҳед, заҳролуд месозед, бераҳмона нест мекунед. Дар дарёҳои калон бо шиддати барқу доруҳои заҳролуд миллионҳо ҳамҷинсонамонро қир кардед, онҳое, ки ҷон ба саломат бурданд гурехта, худро дар наҳру дарёчаҳои хурди дохили деҳаҳо хостанд пинҳон кунанд, вале ин ҷо низ бароямон дӯзах гардид, зеро дигар ин обҳо низ бар асари порую ахлот, пластмассаю оҳан, памперсу зарфҳои пластикӣ заҳролуд шудаанд.

Ба моҳии калон дигар ҳамҷинсонаш ҳамроҳ шуда, ба сӯям бонг заданд: - Эй инсонҳо, шумо чаро ба мо зулм мекунед, чаро ношукред, аз ғазаби Офаридгор наметарсед?

Нафасгир шудем. Дигар тобу тоқатамон намонд. Акнун дигар бо шумо дӯстӣ карда наметавонем. Шумо моро қир кардед!

Ин садоҳо чунон баланд буданд, ки бо дастонам гӯшҳоямро маҳкам кардам, дигар намехостам ин садоҳоро шунавам, вале боз ҳам ҳавлангезтару баландтар мешуданд. Чашмонамро пӯшидам, вале яке аз моҳиҳо маро маҷбур кард, ки ба чашмони суп-сурху милкҳои сиёҳу кабудгаштааш нигоҳ кунам ва ба ман гуфт:

- Ту, журналист, рав, бонги хатар зан! Аҳволи моро ба мардум расон! Ҳоло ҳам фурсат ҳаст. Ба худ биёед, эй инсонҳо, қабри худро бо дасти худ наканед, вагарна мисли мо баданатон заҳролуд, рӯзгоратон тираю тор мегардад, нафастанг мешавед…

Илоҷе карда, худро каме ҷунбондам, хостам худро бедор кунам. Хоби афсункор маро раҳо намекард. Наметавонам… вой…вой…оча…ҷон…о..оо. Якбора такон хӯрда, бедор шуда, худро ғарқи обу арақ дар бистар дидам, каме нафас кашидам, арақи сару рӯямро пок карда, базӯр худро ба берун задам. Дар берун аллакай субҳ дамида, шамолаки маҳин мевазид ва гӯё сару рӯямро сила мекард. Оҳиста-оҳиста нафаскашиам сабук шуд ва аз ҳамсарам хоҳиш кардам, каме об диҳад. Пиёлаи оби овардаашро ба даҳон бурдам. Чӣ қадар гуворою ҳаловатбахш, ба ҷонам гӯё рӯҳи тоза дамид. Худоро шукр…Одамӣ аз оби ширину гуворо ҳаловат мебарад. Фикр кардам, охир моҳиҳо ҳам мавҷуди зиндаанд, об барояшон ҳаёт аст.

Баъд аз тараддудҳои саҳарӣ ва наҳорӣ кардан либосҳои кориамро пӯшида, аз дарвоза берун шуда, аз пайроҳаи назди ҳавлӣ гузашта, ба роҳи калон баромадам. Наҳри паҳлуи роҳ камоб буд. Аз он мисли ҷӯйча об ҷорӣ мешуд. Вақте наврас будем, ин наҳр пур аз моҳӣ буд. Аз ҳар як ҷӯе, ки аз наҳр ба дохили ҳавлиҳо ҷорӣ мегардид, одамон то ҳафт-ҳашт ва зиёдтар ширмоҳӣ мегирифтанд, вале дер боз дигар чунин манзара ба чашм намехӯрад. Ба дохили наҳр назар карда, хостам ақаллан моҳичаеро бубинаму аз ҳаракатҳояш хушҳол шавам, вале аз даруни об калламуше гурехту маро тарсонд. Қадамзанон дохили наҳрро наззоракунон пеш рафтам. Ба ғайр аз моҳӣ дар дохили наҳр тамоми чизҳои дигар буд. Як халтаи даҳонбастаи ифлос дар як кунҷи наҳр, паҳлуи хори хушкшуда руст шуда буд. Дар ҳар як ваҷаб ду-се зарфи пластикӣ, памперсҳои варамкарда, себу нокҳои пӯсида, пучоқи картошкаю пиёз ва боз дигар ифлосиҳо ба мушоҳида расид. Вале аз моҳӣ, ҳатто моҳичаяке дарак набуд.

Ин манзара ва хоби пурдаҳшати шаб дидаам маро ба андеша бурда, хаёлкунон роҳ мерафтам, ки ин замон мошини сафеди «ҶИП»-е босуръат аз наздам гузашту чангу хокро ба ҳаво бардошт. Каме дуртар рафта, аз тирезаи он банкаи холишудаи «Горилла» ба дохили наҳр партофта шуд ва сафи «моҳиҳо»-ро пурра кард…

Эй, бародар, - гӯён даст афшондам, хостам ба он мошинсавор ин амали ноҷояшро фаҳмонам, вале вай ба ман аҳамияте надода, суръати мошинро боз ҳам баландтар кард…

**Бурҳониддин КАРИМЗОДА,**
**«Садои мардум»**

# ДАР БОРАИ ГМО ЧИРО БОЯД ДОНИСТ?

**Дар романи Мэри Шелли «Франкенштейн ё Прометейи муосир» омадааст, ки солҳои 20 - уми асри XIX Виктор Франкенштейн ном шахс аз Швейтсария аз ҷасад махлуқе сохт, ки баъдтар эъморгари худро нобуд кард.**




Ҳикмати асар дар он аст, ки ҳама гуна амали ғайритабиӣ метавонад оқибатҳои ногувор ба бор орад.

Яке аз ин гуна амалҳо имрӯз ба вуҷуд овардани маҳсулоти трансгенӣ ОГТ (организмҳои аз ҷиҳати генӣ тағйирдодашуда) ва ОЗТ (организмҳои зиндаи тағйирдодашуда) ё ГМО мебошад. Соли 2005 барои пешгирии воридоти маҳсулоти зарарноки трансгенӣ ба кишвар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии биологӣ» қабул гардид, ки дар моддаи 1-и он омадааст: «Қонуни мазкур намудҳои фаъолияти вобаста ба даст овардан, озмудан, истифода бурдан, воридот, содирот, истеҳсол ва фурӯши организмҳои бо истифодаи усули биотехнологияи замонавӣ аз ҷиҳати генетикӣ тағйирёфтаро танзим намуда, ба кам намудани хавфи таъсири номатлуби организмҳои аз ҷиҳати генетикӣ тағйирёфта ба саломатии инсон, гуногунии биологӣ, мувозинати экологӣ ва ҳифзи муҳити зист нигаронида шудааст».

Даҳсолаҳост, ки перомуни муфид ё зарарнок будани ин гуна маҳсулот баҳсу мунозира идома дорад. Агар як гурӯҳи олимон тағйир додани геноми бархе аз зироату мева ва ҳайвонотро роҳи беҳтарини пешгирӣ аз гуруснагӣ дар сайёра арзёбӣ намоянд, боқимонда бар он андешаанд, ки маҳсулоти бо ин роҳ ба дастомада, ба саломатии инсонҳо таъсири манфӣ дорад.

Гурӯҳи аввал ба он назаранд, ки зироат ва мева ё чорвои бо усули ҳандасаи генӣ тағйирёфта серҳосил, ба заҳрҳои кимиёвӣ, бемориҳои гуногун, гармиву сардӣ ва хушксолӣ тобоваранд, суръати инкишофашон меафзояд, гӯшту шир, тухм ё пашми онҳо зиёд мешавад. Масалан, барои тезонидани парвариши озодмоҳӣ ба озодмоҳии уқёнуси Ором гени озодмоҳии уқёнуси Атлантикаро пайвастанд. Дар натиҷа, моҳӣ на танҳо баҳору тирамоҳ, балки тамоми сол инкишоф меёбад. Аммо онро барои истеъмол хатарноктарин моҳӣ, аниқтараш манбаи пайдоиши чандин бемориҳо, медонанд.

Дар соҳаи ҳандасаи генӣ ИМА пешсаф аст. Ширкатҳои машҳури ин мамлакат сабзавоту меваҳое парвариш менамоянд, ки ҳашарот ва гармиву сардӣ ба он таъсир расонида наметавонад. Солҳои охир мутахассисон далелҳои зиёде пайдо намуданд, ки маҳсулоти ГМО мутатсияҳои гуногунро ба вуҷуд меоранд.

Соли 2000-ум олимони олмонӣ собит намуданд, ки генҳои тағйирдодашудаи растаниҳо ба воситаи гарди гул ба меъдаи занбӯри асал ворид гашта, сабаби тағйирёбӣ - мутатсияи он мегарданд. Пас, эҳтимол вуҷуд дорад, ки чунин генҳо дар организми инсон низ тағйирот ба вуҷуд оранд.

- Ҳандасаи генӣ илми муосиру пешрафта аст, вале ҳангоми ба вуҷуд овардани ОГТ ҳанӯз хатарҳо мавҷуданд. Муайян кардан душвор аст, ки гени воридшуда ба кадом қисмати геноми организм пайваст шуда, чӣ оқибат дорад. Хатарҳо ба он алоқаманданд, ки мавҷудияти пайвандҳои трансгенӣ дар геноми организм тағйироти пешгӯинашавандаро дар таркиби туршӣ (кислота)-ҳои нуклеинӣ ва таносуби ифодаи генҳо ба вуҷуд оварда метавонад. Дар натиҷа, дар ОГТ ва ОЗТ хусусиятҳои заҳрнокӣ, аллергӣ, патогенӣ ва инвазивӣ, дар обу хок захира намудани заҳрҳои растаниҳои трансгенӣ, расонидани таъсири номусоид ба экосистема ва зарару хатарҳои дигар пайдо шудан мумкин аст, - изҳор доштааст олими тоҷик, мудири озмоишгоҳи бехатарии биологии Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои биологӣ, профессор Фирӯза Носирова.

Дар бархе аз минтақаҳои парвариши растаниҳои аз ҷиҳати генетикӣ тағйирдодашуда гурӯҳҳои алоҳидаи ҳашарот нобуд шуда, шаклҳои нави мутантшудаи алафҳои бегона ва ҳашарот пайдо гардидаанд, хок аз ҷиҳати биологиву кимиёвӣ заҳролуд шуда, тадриҷан гуногунии биологӣ аз байн рафтааст.

Дар аксар кишварҳои олам маҳсулоти ГМО-ро ба савдо мебароранд, вале таркиби он комилан махфӣ нигоҳ дошта мешавад.

Тоҷикистон соли 2013 аъзои СУС гардид ва ин омил метавонад боиси вориди чунин маҳсулот ба кишвар гардад. Дар низомнома ва қоидаҳои созишнома назорати муомилоти ГМО пас аз гузаштани сарҳади давлатӣ пешбинӣ нашудааст. Ҳамчунин, созмон ҳуқуқҳои эътирофшудаи байналмилалиро доир ба тадбирҳои эҳтиётӣ нисбат ба маҳсулоти хатарнок, аз ҷумла ГМО ба назар намегирад. Аз манъ ё маҳдуд намудани воридоти ГМО, инчунин, аз тамғагузории маҳсулоти дорои ГМО низ худдорӣ менамояд.

Пас аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии биологӣ» (с. 2005) дар Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои ҷумҳурӣ ду озмоишгоҳ таъсис ёфт ва барои пеш бурдани фаъолияти озмоишгоҳҳо дар Ширкати «БИОКОМ»-и Федератсияи Россия мутахассисон омода шудаанд. Озмоишгоҳ, ҳамчунин, бо таҷҳизоти замонавӣ аз ширкатҳои «ДНК Технология» ва «БИОКОМ»-и Федератсияи Россия, «HTL»-и Полша ва «Eppendart»-и Ҷумҳурии Олмон муҷаҳҳаз гардидааст.

Мутаассифона, санҷиш ва назорати воридоти маҳсулоти озуқаворӣ аз ҷиҳати генетикӣ тағйирёфта ба бозори истеъмолии ҷумҳурӣ ба талаботи рӯз ҷавобгӯ нест. Олимон таъкид менамоянд, ки мавҷудияти ГМО-ро дар таркиби маҳсулоти дар сатҳи баланд коркардшуда, мисли равғани растанӣ ва нахориҳои хушк, ки таркиби бой доранд, бо усулҳои муосир ташхис ва муайян кардан душвор аст. Тибқи маълумоти мавҷуда, айни ҳол ОГТ ё ГМО дар таркиби биринҷ, ҷуворимакка, соя, гандум, рапс, пахта, картошка, лаблабу, шалғам, донаҳои офтобпараст, чормағзи заминӣ, қулфинай, помидор, харбуза ва чанд навъи дигари растаниҳо вуҷуд дошта метавонад. Тадқиқот нишон медиҳанд, ки маҳсулоти трансгении ба организми чорво, паранда ва моҳӣ роҳёфта ба воситаи гӯшту шир ва паниру тухм ба организми одамон низ бетаъсир намемонад. Илова бар ин, заҳрнокии баланди зироати бо роҳи ҳандасаи генӣ ба вуҷудомада заминро низ заҳролуд карда, миллионҳо ҳашарот ва парандаю ҳайвонотро нобуд месозад.

Соли 2018 дар назди Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Озмоишгоҳи бехатарии биологӣ таъсис дода шуд. Яке аз вазифаҳои он баҳодиҳӣ ба маҳсулоти хӯрокворист, ки бо истифода аз технологияҳои ҷадид, мисли ОГТ, истеҳсол гардидаанд. Дар заминаи ин озмоишгоҳ ҳамон сол Озмоишгоҳи муштараки Тоҷикистону Чин оид ба омӯзиш ва тадқиқи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ ташкил ёфт, ки бо технологияҳои пешқадам муҷаҳҳаз аст. Илова бар ин, соли 2019 Ҷумҳурии Мардумии Чин барои даҳ мутахассиси институт дар заминаи Институти тиҷорат ва технологияҳои шаҳри Ланҷжоуи Чин курси омӯзиши усулҳои тозатарини ташхиси ошкор ва муайян кардани ОГТ-ро дар маҳсулоти хӯрокворӣ ташкил намуд.

- Озмоишгоҳи бехатарии биологӣ як моҳ пеш ҳамчун озмоишгоҳи аз ҷиҳати моддию техникӣ таъмин аккредитатсия шуд ва шаҳодатнома гирифт. Айни ҳол дар он 25 намуди таҳлил гузаронида, мавҷудияти ОГТ ва ОЗТ (организмҳои зиндаи тағйирдодашуда) аз ҷиҳати миқдорӣ дар таркиби маҳсулоти озуқаворӣ ва тухмиҳо муайян карда мешавад. Меъёр барои тухмиҳо 0,3 фоиз ва барои маҳсулоти озуқаворӣ 0,9 фоиз муқаррар гардидааст, - гуфт ходими калони илмии озмоишгоҳ Самариддин Баротов.

Таваҷҷуҳ ба масъалаи бехатарии маҳсулоти озуқаворӣ зиёд аст. Соли ҷорӣ лоиҳаи қонуни нави алоқаманд ба организмҳои аз ҷиҳати генетикӣ тағйирдодашуда ба Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод гардид. 26-уми июни соли 2023 Ҳукумати ҷумҳурӣ лоиҳаро бо баъзе пешниҳод барои такмил ва коркард бозгардонд. Қонуни мазкур бояд мақоми ваколатдори соҳаро муайян карда, ваколатҳоро марбут ба маҳсулоти трансгенӣ дар соҳаҳои кишоварзӣ, тиб, маҳсулоти озуқаворӣ, ҳифзи гуногунии биологӣ байни ниҳодҳои марбута тақсим намояд.

Дар ҳақиқат, зарурати қабули чунин қонун амри зарурӣ аст. Танҳо пас аз қабули он мушкилоти алоқаманд бо ОГТ ва ОЗТ роҳи ҳалли пурраи худро пайдо хоҳад кард.

**Н. НИЗОМӢ, «Садои мардум»**

**Хонандагони азиз, шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

# ДИҚҚАТ, ОЗМУН!

## Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ишғоли мансабҳои холии зерини маъмурии хизмати давлатӣ озмун эълон менамояд:

**1. Мудири бахши молия ва хоҷагидорӣ – 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 4 сол собиқаи умумии меҳнатӣ аз рӯйи ихтисос;

- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофгардида, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», кор бо компютер, донистан ва риоя намудани «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» ҳатмист. Донистани забонҳои хориҷӣ ба назар гирифта мешавад;

- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

Маоши мансабӣ - 1914 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯйи ҷадвали ягонаи тарифгузорӣ.

**2. Сармутахассиси шуъбаи ташкилию ҳуқуқӣ – 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ аз рӯйи ихтисос;

- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофгардида, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», кор бо компютер, донистан ва риоя намудани «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» ҳатмист. Донистани забонҳои хориҷӣ ба назар гирифта мешавад;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

Маоши мансабӣ - 1700 – сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.

**3. Мутахассиси бахши умумӣ – 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад.

- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофгардида, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», кор бо компютер, донистан ва риоя намудани «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» ҳатмист. Донистани забонҳои хориҷӣ ба назар гирифта мешавад;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;

Маоши мансабӣ - 1112 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифгузорӣ.

**Аз довталабон ҳуҷҷатҳои зерин талаб карда мешаванд:**

- аризаи шахсӣ ба номи раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо (бо 2 дона сурати андозаи 4х6);

- тарҷумаи ҳол;

- нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот;

- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (ба ғайр аз ҳолатҳое, ки шахс собиқаи меҳнатӣ надорад);

- маълумотнома дар бораи вазъи саломатӣ (шакли 038 УЕ);

- нусхаи гувоҳнома дар бораи рақами мушаххаси андозсупоранда;

- эъломия оид ба даромадҳо ва вазъи молумулкии худ;

- нусхаи шиноснома;

- хислатнома аз ҷойи кори қаблӣ;

- маълумотнома аз ҷойи истиқомат;

- маълумотнома оид ба надоштани доғи судӣ;

- нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд);

- маълумотнома (объективка);

- парванда (лифофа – 1 адад).

**Озмун аз се марҳила иборат аст:**

- марҳилаи якум – омӯзиши ҳуҷҷатҳои довталабон;

- марҳилаи дуюм – гирифтани кори хаттӣ;

- марҳилаи сеюм – саволу ҷавоб бо ҳар як довталаб.

Шахсоне, ки аз марҳилаҳои якум ва дуюм намегузаранд, ба марҳилаи сеюми озмун даъват карда намешаванд ва ҳуҷҷатҳояшон баргардонида мешавад.

**Ҳуҷҷатҳо аз тарафи хадамоти кадрии кумита дар муҳлати 21 рӯз баъди чопи аввалини эълон қабул карда мешаванд.**

***

**Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин бо мақсади таъмин ва ҷобаҷогузории кадрҳои салоҳиятнок оид ба ишғоли вазифаҳои холии ғайри хизмати давлатӣ, ҷиҳати таъмини корҷӯён барои таъмини ҷойҳои холии зерин бидуни озмун эълон менамояд:**

**1. Мудири хоҷагӣ – 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба вазифаи ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаи мазкурро таъмин карда тавонад;

- 2 сол собиқаи умумии меҳнатӣ аз рӯйи ихтисос;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

**2. Мутахассиси бойгонӣ (китобдор) – 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбии бойгоншиносӣ ё китобдорӣ;

- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ аз рӯйи ихтисос;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

**3. Ронандаи автомашинаи хизматии раиси кумита – 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- доштани собиқаи ронандагӣ на кам аз 5 сол;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

**Аз довталабон ҳуҷҷатҳои зерин талаб карда мешаванд:**

- аризаи шахсӣ ба номи раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо (бо 2 дона сурати андозаи 4х6);

- тарҷумаи ҳол;

- нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот;

- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (ба ғайр аз ҳолатҳое, ки шахс собиқаи меҳнатӣ надорад);

- маълумотнома дар бораи вазъи саломатӣ (шакли 038 УЕ);

- нусхаи гувоҳнома дар бораи рақами мушаххаси андозсупоранда;

- нусхаи шиноснома;

- хислатнома аз ҷойи кори қаблӣ;

- маълумотнома аз ҷойи истиқомат;

- маълумотнома оид ба надоштани доғи судӣ;

- нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд);

- маълумотнома (объективка);

- парванда (лифофа – 1 адад).

**Суроға:** шаҳри Душанбе, кӯчаи Беҳзод - 25 (бинои Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм», ошёнаи сеюм), индекс: 734013, телефон/факс: 227-59-38, 227-59-28, 227-78-29, почтаи электронӣ: info@kumitaizabon.tj, сомона: www.kumitaizabon.tj

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Билети гумшудаи донишҷӯ, ки онро Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соли 2019 ба Миршарипов Абубакр Шодиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи А03887551-и гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Кӯшониён 11-уми октябри соли 2021 ба Мирзоев Далер Абдусаторович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи ронандагии гумшудаи категорияҳои «В», «С», ки онро ШБИ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2021 ба Мирзоев Далер Абдусаторович додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти № 0120781-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Сино 29-уми майи соли 2014 барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ба Наимова Фарида Насруллоевна (РЯМ 0430171574) додааст, эътибор надорад.

✓ Билети гумшудаи донишҷӯ, ки онро Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соли 2021 ба Наботов Парвиз додааст, эътибор надорад.

✓ Билети гумшудаи донишҷӯ, ки онро Донишгоҳи славянии Россия – Тоҷикистон соли 2021 ба Холмуродов Қувваталӣ додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи хизматии №1610-и гумшуда, ки онро Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 11-уми сентябри соли 2020 ба Раҳимов Баҳодур Сафаралиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А №0200323-и гумшуда, ки онро Кумитаи давлатии заминсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти қайди 18815 соли 2009 ба Раҷабалиева Адолат додааст, эътибор надорад.

✓ Билети гумшудаи донишҷӯ, ки онро Донишгоҳи технологии Тоҷикистон соли 2020 ба Раҳимов Муҳаммадҷон Абдуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе 10-уми октябри соли 2017 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи С. Шерозӣ, бинои 20/10, хонаи 42 ба Нуралиев Муқим Валиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе барои амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ба Раҳматов Ибодулло Бобохонович (РМА 195811930, РЯМ 0430254440) додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи №0423028-и гумшуда ва Иқтибос аз феҳристи ягонаи соҳибкорони инфиродӣ, ки онҳоро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ 25-уми феврали соли 2020 ба Малаев Абдуқаюм Бобоназарович (РЯМ 0330123127) додааст, эътибор надоранд.

✓ Шаҳодатномаи № 0487693-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Ваҳдат барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ 21-уми январи соли 2022 ба Маҳмудзода Фирузҷони Нуралӣ (РЯМ 0530228912) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи ҳавлидорӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи А. Ҷомӣ бо суроғаи ноҳияи Хуросон, Ҷамоати деҳоти Ҳилолӣ, деҳаи Меҳнат ба Назарова Хайринисо додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД -1 дар ноҳияи Фирдавсӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Деҳотӣ, бинои 52, хонаи 26 ба Пулотова Матлуба Исломовна додааст, эътибор надорад.

✓ Билети гумшудаи донишҷӯ, ки онро Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов соли 2019 ба Гулов Абдулло додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, бинои 44, хонаи 17 ба Бозоров Парвиз Одинаевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши квартира, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе таҳти феҳристи № 6ф-1290 санаи 12-уми июни соли 2004 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, бинои 44, хонаи 17 ба Бозоров Парвиз Одинаевич додааст, эътибор надорад.

✓ Билети гумшудаи донишҷӯ, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур соли 2021 ба Камолов Илҳом Мирзоалиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшуда байни ҶДММ «Бунёдкор-2013» ва Ҳакимова Шаҳзода Юнусовна дар бораи ҳиссагузорӣ дар бунёди хонаи истиқоматӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, маҳаллаи Испечак М-14, даромадгоҳи 2, ошёнаи 3, хонаи 8 эътибор надорад.

✓ Билети гумшудаи донишҷӯ, ки онро Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон соли 2020 ба Гуломалиев Билол Раҳмоналиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба Муродова Сабрина Абдураҳмоновна додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Сино барои амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ба Лойиқов Икромиддин Зойиршоевич (РМА 046690197, РЯМ 0430278815) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи ҳавлидорӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Гулистон, деҳаи Муғулон (ҳоло ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе) ба Ҳалимов Шамсулло Низомович додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ҶДММ «Тоҷикавтотранс» (РМА 510024856, РЯМ 5110008613), воқеъ дар шаҳри Хуҷанд, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо давоми ду моҳ қабул карда мешаванд.

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

## ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 418227 | Муассисаи давлатии «Мудирияти корхонаҳои сохташудаистода»-и Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сохтмони пул дар км 231+700-уми роҳи автомобилгарди Хоруғ - Ишкошим - Тузкӯл | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 15.10.2023 14:50:00 |
| 2 | 418218 | Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Қисмҳои эҳтиётии воситаҳои нақлиёт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 111 | 25.10.2023 15:45:13 |
| 3 | 418219 | Муассисаи давлатии «Нақлиёти автомобилӣ ва хизматрасонии логистикӣ» | Автомобили сабукрав | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 25.10.2023 16:10:23 |
| 4 | 418220 | Раёсати моддию техникӣ, хӯрокворӣ ва таъминоти нақлиёти Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ, доруқуттӣ, оташхомӯшкунаки автомобилӣ ва контейнер | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 109 | 26.10.2023 08:30:00 |
| 5 | 418221 | КВД «Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» | Сохтмони бинои филиали №19 КВД «БДА ҶТ «Амонатбонк»» дар шаҳри Роғун | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 26.10.2023 10:45:00 |
| 6 | 418222 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №3-и ноҳияи Дарвоз | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 26.10.2023 11:00:00 |
| 7 | 418224 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1-и деҳаи Айнии ноҳияи Айнӣ | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 32 | 26.10.2023 14:10:10 |
| 8 | 418225 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №8-и ноҳияи Айнӣ | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 32 | 26.10.2023 14:10:10 |
| 9 | 418226 | Литсейи касбӣ - техникии шаҳри Панҷакент | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 20 | 26.10.2023 14:10:10 |
| 10 | 418259 | Маҷмааи давлатии «Қасри миллат»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таҷҳизот, молҳои хоҷагидорӣ, равғанҳои молиданӣ ва қисмҳои эҳтиётии автомашина | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 62 | 19.10.2023 09:40:00 |
| 11 | 418247 | Муассисаи давлатии «Мактаби ҷумҳуриявии маҳорати олии варзишӣ оид ба намудҳои риштаҳои амалӣ» | Молҳои хоҷагидорӣ, либоси варзишӣ, техникаи маишӣ ва дастгоҳи машқии бисёрфунксионалии варзишӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 17 | 27.10.2023 15:50:24 |
| 12 | 418248 | Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Доруворӣ ва масрафшавандаи тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 73 | 27.10.2023 16:00:00 |
| 13 | 418249 | Муассисаҳои кумаки аввалияи тиббӣ - санитарии ноҳияи Ҷалолуддини Балхӣ | Таҷҳизоти маишӣ, барқӣ, тиббӣ, мебел ва рахти хоб | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 13 | 27.10.2023 16:50:55 |
| 14 | 418256 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами №17-и ноҳияи Ҷайҳун | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 24 | 30.10.2023 08:50:05 |
| 15 | 418258 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбӣ – техникӣ»-и ноҳияи Шаҳритуз | Хӯрокворӣ, молҳои канселярӣ ва хоҷагидорӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 24 | 30.10.2023 09:00:55 |
| 16 | 418255 | Мактаб - интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятими ноҳияи Нуробод | Ангишт ва ҳезум | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 30.10.2023 09:28:49 |
| 17 | 418260 | Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Мебели идоравӣ, таҷҳизоти техникӣ, телевизор, расм ва чароғҳои равшанидиҳанда дар сутунпояҳо | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 21 | 30.10.2023 10:00:00 |
| 18 | 418261 | Муассисаи давлатии «Муҳофизати растаниҳо ва химикунонии кишоварзӣ»-и Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Заҳрхимикат ва дорупошак | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 30.10.2023 12:00:00 |
| 19 | 418262 | Кӯдакистони № 113 ба номи «Аниса»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 62 | 30.10.2023 13:51:16 |
| 20 | 418263 | Муассисаи давлатии «Солимгардонии рӯҳӣ ва наркологӣ»-и шаҳри Панҷакент | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 32 | 30.10.2023 14:30:00 |
| 21 | 418257 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Баннер, диски алмосӣ ва масолеҳи сохтмонӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 30.10.2023 14:44:44 |
| 22 | 418265 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдории партовҳои радиоактивӣ» | Молҳои хоҷагидорӣ, либоси махсуси корӣ, асбоби дастӣ ва масолеҳи сохтмонӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 55 | 30.10.2023 15:00:00 |
| 23 | 418250 | Шуъбаи ҳифзи муҳити зисти шаҳри Хуҷанд | Тоза кардани дарёи Сир дар шаҳри Хуҷанд (ҳаҷм - 420 м³) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 30.10.2023 17:33:33 |
| 24 | 418251 | Муассисаи давлатии «Мошинсарои воситаҳои нақлиёти махсуси тиббӣ»-и вилояти Суғд | Қисмҳои эҳтиётӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 74 | 30.10.2023 18:10:00 |
| 25 | 418253 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсей барои хонандагони болаёқат»-и шаҳри Кӯлоб | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 39 | 31.10.2023 07:49:31 |
| 26 | 418254 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб» | Таъмири асосии бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 01.11.2023 07:57:22 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.


Конститутсия - кафолати ҳуқуқи ҳамаи давлатсозвор ва волоияти қонун

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: *Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева, Фарҳунда Абдулҳакимова.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини аввал, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; мухбирони махсуси музофотӣ дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69, Бохтар 919- 67- 88- 78, Кӯлоб 985- 82- 81- 97, Хуҷанд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, водии Зарафшон 93- 535- 06- 66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор 918- 68- 40- 17, НТМ 000- 03- 03- 80.

**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 9 октябри соли 2023, соати 18:40 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34490 нусха*

Навбатдорони шумора Б. Каримзода ва Ш. Абдулвоҳидова

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97